# Ҳафтаи илм омад!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД


# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС



НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ №2 (2) 18 АПРЕЛИ СОЛИ 2013, ПАНҶШАНБЕ


## Дидору гуфтугӯи Эмомалӣ Раҳмон бо Жозе Маннуэл Баррозу

(саҳ. 2)




## Шартномаи ҳамкорӣ бо Академияи давлатии ҳуқуқшиносии Москва



ДМТ бо Академияи давлатии ҳуқуқшиносии шаҳри Москваи ФР шартномаи ҳамкориро ба имзо расонд. Шартномаи мазкурро Ректори ДМТ Имомов Маҳмаисуф Сайдалиевич ва Ректори Академияи давлатии ҳуқуқшиносии шаҳри Москваи ФР Блажеев Виктор Владимирович ба имзо расонданд. Тибқи шартномаи мазкур тарафҳои он дар оянда оид ба тайёр кардан ва такмили ихтиссоси мутахассисон ҳамкориро ба роҳ мемонанд.

саҳ. 2

## Сухани рӯз

Салом, устодон ва донишҷӯёни азиз! Инак, шумораи дувуми рӯзномаи мо - «Минбари ҳуқуқшинос» рӯи чоп омад. Баъди ба нашр расидани шумораи аввал, ки ба Наврӯзи оламафрӯз рост омад, шодии моро ҳадду канор набуд. Шумораи аввали «Минбари ҳуқуқшинос» ба таърихи журналистика ворид гардид. Оре, дар таърихи журналистикаи тоҷик саҳифаи наве кушода шуд. Мо басе шод будем ва ин шодиро ман дар чашмони ҳар як аз устодони факултаи ҳуқуқ бармало медидам. Гарчанде ки бегоҳӣ хеле дер шуда буд, аммо устодони факултет дар саҳни донишгоҳ мунтазири шумораи аввал буданд, касе ба хона рафтан намехост. Вақте ман бастаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро овардам, ҳайрон шудам, ки қариб аксари устодон бо шумули деканy ҷонишинонаш ва мудирони кафедраву дигар устодон он ҷо мунтазир буданд. Ин кори устодон, бовар кунед дар чопи шумораи навбатӣ, ки инак дар дасти шумост азми моро қатъитар ва масъулиятамро бештар гардонид.. Яъне, дар чопи ҳар шумораи он дасти шумо низ ҳаст, устодони азиз. Дар хусуси масъулият боз як чизи дигарро наметавонам нагӯям. Вақте ба мудирони кафедра ё устоде аз ҷониби садорат дастур, супориш ё хоҳише мешавад, эшон пайи иҷрои он камари ҳиммат бармебанданд ва сари вақт онро иҷро менамоянд, ки ин шоистаи таҳсин ва ибрат аст. Инро ман аз мушоҳидаҳои худ мегӯям, ин чизест, ки кам дар дигар факултаҳо ба чашм мерасад. Зиҳӣ, устодони масъулиятшинос, зиҳӣ!

Падидаи дигаре, ки боиси фараҳ аст, ин анъанаи неки ниёгон – Рӯзи илм аст. Ин ҳафта дар ДМТ чун анъана ҳафтаи илм аст. Дар Конференсияи илмӣ, ки ба ин рӯз бахшида шудааст, устодон ва донишҷӯён аз кашфиёту тадқиқотҳои хеш баромадҳо мекунанд ва дар бахшҳои гуногун баҳсҳои илмӣ менамоянд. Воқеан, илм бо амал шакл мегирад ва намудор мегардад.

Минбар минбари донишҷӯён низ ҳаст ва ҷуноне ки дар шумораи қаблӣ дидед, ду саҳифа пурра маводи эҷодкардаи донишҷӯён ба табъ расид. Мо аз ин ба баъд низ мекӯшем аз эҷоди донишҷӯён дар рӯзнома чоп кунем. Фақат аз донишҷӯён хоҳиш карда мешавад, ки масъалаҳои мубрами соҳаи ҳуқуқ, ва дигар мушкилоти худро босаводона рӯи қоғаз биёранд. Мақолаҳои беҳтарин аз ҷониби садорат қадр хоҳад шуд. Минбар шиносномаи шумост. Бикӯшед, то заковату дониши худро дар амал бубинед!

Сайидо, аз сар ба боло ҷо намудам хомаро,
Сар ба пояш менихам ҳар к-ӯ сухан мепарварад.

**Саъдӣ Маҳдӣ**

# Дидору гуфтугӯи Эмомалӣ Раҳмон бо Жозе Маннуэл Баррозу

**Идома аз саҳ. 1.**

Рӯзи даҳуми апрели соли ҷорӣ ҳангоми сафари худ ба Белгия Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Комиссияи Аврупо Жозе Маннуэл Баррозу мулоқот намуд. Зимни суҳбат муносиботи ояндаи Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо дорои дурнамои густурда номида шуд.

Аз татбиқи босамари барномаҳои Иттиҳоди Аврупо ба монанди БОМКА/КАДАП, «Темпус» ва «Эразмус Мундус» ва дастгирии макромолиявию техникии Тоҷикистон арзи қаноат карда шуд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки мулоқотҳои имрӯза бо роҳбарияти олии сохторҳои марказии Иттиҳоди Аврупо ба густариши муносибати судманди ду ҷониб, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсат ва амният, иқтисоду савдо, сармоягузорӣ, иҷтимоиёт, илму техника ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ такони ҷиддӣ мебахшанд.

Бино ба таъкиди Жозе Маннуэл Баррозу, "Тоҷикистон оянда ҳам, аз ҷумла дар чаҳорчӯби Стратегияи таҳияшавандаи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ барои солҳои 2014-2020 ва барномаю лоиҳаҳои сершумори мо дар Афғонистон чун кишвари калидӣ дар ин минтақа боқӣ хоҳад монд".

Аз Президенти Комиссияи Аврупо Жозе Маннуэл Баррозу даъват карда шуд, ки барои идома додани муколамаи созандаи ду ҷониб ба Тоҷикистон бо сафари расмӣ ташриф биёрад.



# Мулоқоти Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазири дифои Қазоқистон

Понздаҳуми апрели соли ҷорӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Қазоқистон Адилбек Ҷаксибековро ба ҳузур пазируфт. Дар мулоқот масоили вобаста ба амнияту суботи минтақа, авзои кунунӣ ваояндаи Афғонистон, ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии Тоҷикистону Қазоқистон баррасӣ шуд. Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба табодули донишу таҷрибаи низомиёни ду кишвар, ба роҳ мондани машқҳои муштараки ҳарбӣ ва омодасозии кадрҳои афсарӣ сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

# Муовини сарвазири Белгия Дидйе Рейндерс

Дар доираи сафари худ Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон бо Муовини Сарвазир - Вазири корҳои хориҷии Шоҳигарии Белгия Дидйе Рейндерс, Ноиби аввали президенти ширкати Тотал Майкл Боррел, Дабири кулли Хартияи энергетикӣ Урбан Руснак, узви Комиссияи Аврупо, Комиссар оид ба Рушд Андрис Пиебалгс, Президенти Шӯрои Иттиҳоди Аврупо Ҳерман ван Ромпей, Президенти Парлумони Аврупо Мартин Шулс, Раиси Палатаи намояндагон Парлумони Федералии Белгия Андре Флау ва дигар шахсони расмӣ мулоқот анҷом дод.

# Қонуни нави матбуот қабул шуд

19 марти соли ҷорӣ Президенти ҶТ қонуни нави матбуотро имзо намуд. Акнун номи пурраи он чунин аст: Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма». Қонуни мазкур аз 6 боб ва 36 модда иборат буда, асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма ва кафолати давлатии озодии онҳоро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба онҳоро танзим менамояд. Дар асоси қонуни мазкур Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки 14 декабри соли 1990 шуда буду зиёда аз 22 сол инҷониб амал мекард, аз эътибор соқит карда шуд.

# Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Муҳаммад Ҳамид Ансорӣ



Рӯзи 15 апрел Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо Ноиби Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Муҳаммад Ҳамид Ансорӣ мулоқот намуд.

Дар вохӯрӣ масоили ҳамкории гуногунпаҳлуи Тоҷикистону Ҳиндустон, аз ҷумла таҳкими робитаҳо дар соҳаҳои сиёсат, амният, иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, илму техника, маориф, тандурустӣ ва фарҳанг баррасӣ шуд.

Бо таваҷҷуҳи хоса ба ҳамкории иқтисодӣ, таъкид гардид, ки ҳаҷми кунунии табодули мол миёни Тоҷикистону Ҳиндустон ҷавобгӯи имкону захираҳои мавҷуда нест. Тавре зикр гардид, пояи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои ду кишварро зиёда аз 50 санади байниҳукумативу байнидоравӣ ташкил медиҳад.

Танҳо моҳи сентябри соли 2012 зимни сафари давлатии Президенти Тоҷикистон ба Ҳиндустон 12 санади дуҷонибаи ҳамкорӣ ба имзо расида буд.

Аз ин хотир, фаъолияти бештари комиссияи байниҳукуматии ҳамкории дуҷониба, татбиқи босамари санадҳои имзошуда зарур шумурда шуд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки татбиқи тавофуқоти сершумори иқтисодию сармоягузорӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи энергетика ва бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ дар Тоҷикистон ба рушди бесобиқаи робитаҳои дарозмуддати ду кишвари дӯст поярои устувор мегузорад.

Рушди ҳамкорӣ дар самти пешгирӣ аз хатарҳои глобалӣ ба мисли терроризму ифротгароӣ аз бахшҳои муҳими муносибати ду кишвар номида шуд. Дар ин робита гуфтугӯйи судманд доир ба авзои кунуниюояндаи Афғонистон ва ҳамгироӣ барои мусоидат ба эҳёи ҳаёти осоишта ва таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодӣ дар ин кишвар сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

# Ифтитоҳи кафедраи нав

Дар факултаи ҳуқуқшиносӣ дар баробари дастовардҳои илмию тадқиқотӣ барои омода намудани мутахасисони баладихтисос дар ин ва ё он соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва мақомотҳои қудратӣ якчанд кафедраҳои тахассусӣ мавҷуд мебошад. Бо назардошти иқтисоди бозоргонӣ ва пайдоиши падидаҳои нави ҳуқуқӣ замина барои кушодани кафедраи тахассусӣ дар назди факултети ҳуқуқшиносӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ ба сохтори факултет тағйиротҳо ворид намуда, кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ кушода шуд. Дар кафедраи мазкур тибқи фармони ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон се номзади илми ҳуқуқ, як муаллими калон ва як ассистент ба фаьолияти корӣ оғоз намудаанд. Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра н.и.ҳ., дотсент Ғафуров А.Д., н.и.ҳ. дотсент, Ҷабборов Р.Ҷ., н.и.ҳ. ассистент Одинаев Р.С., муаллими калон Боев М., ассистент Қутбиддинов Ф. аз рӯи равияи кафедра ба шогирдон аз фанҳои тахассусӣ ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи экологӣ ва ҳуқуқи замин дарс гуфта, барои бартараф кардани проблемаҳои дар ин соҳаҳо мавҷуда кадрҳо омода менамоянд.



Кафедраи номбурда бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз 25 майи соли 2012 таъсис ёфта, базаи кадрӣ ва потенсиали илмиаш низ хуб мебошад. Дар соли сипаришуда як дастури таълимӣ аз предмети ҳуқуқи нақлиёт бо гурӯҳи муалифон ба нашр расонида пешкаши хонандагон шуд.

**Идома аз саҳ 1.**

Дар асоси шартномаи мазкур ДМТ, факултетҳо, кафедраҳо, ҳайати профессорону устодони донишгоҳ ва ҳатто Ҷамъияти илмии донишҷӯён метавонанд бо Академияи мазкур ҳамкориҳои васеъ дошта бошанд.

Академияи давлатии ҳуқуқшиносии шаҳри Москав ба номи О.Е.Кутафин (Московская государственная юридическая академия имени О. Е. Кутафина) муассисаи олии таълимӣ ба ҳисоб рафта, ба «сегонаи бузург»-и муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ дохил мешавад. Яке аз беҳтарин мактаби олии ҳуқуқшиносии Аврупои Шарқӣ маҳсуб мешавад.

# Зӯроварӣ дар оила пешгирӣ мешавад!

Президенти ҶТ 19 марти соли ҷорӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»-ро низ имзо намуд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд. Гуфта мешавад, ки қонуни мазкур дар пешгирии ин зуҳуроти номатлуб нақши худро хоҳад гузошт.

# Асосҳои ҳуқуқии ташкили идоракунии Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон





**Тоҷикистон дар ибтидои асри XXI ҳамчун кишвари соҳибихтиёр ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро бо дарназардошти манфиатҳои олии давлат ва миллати тоҷик такмил дода, дар самти ҳадафҳо ба сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ марҳала ба марҳала рушд меёбад. Қобили зикр аст, ки дар ин ҷаҳони пур аз тазоду рақобатҳои шадиди глобалӣ мо бояд пеш аз ҳама дастовардҳои истиқлолият ва давлатдории миллиамонро таҳким бахшида, ҳамеша ба хотири суботи кишвар ва оромии ҷомеа саъю талош намоем.**

Ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бе мавҷудияти низоми дақиқан муайяншудаи мустақилу беғарази судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии содиқ ба халқу Ватан, омодаи ҳифзи амнияти миллату давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъминкунандаи қонунияту тартибот дар ҷомеа аз имкон берун аст ва маҳз ба сифати чунин қувваи таъминкунандаи амну субот дар кишвар Қувваҳои мусаллаҳ (ҚМ) баромад мекунанд. Таъмини мудофиавии давлат ва амнияти ҷомеаю шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳим ва доимии давлат мебошад. Мудофиа вазифаи муҳимтарини давлат, кори тамоми халқ ба ҳисоб рафта, бо омодагии доимии ҚМ, иқтисодиёт, ҳудуд ва аҳолии ҷумҳурӣ барои пешгирии таҳдиди таҷовузи имконпазир дар ҳама вақту ҳолат асос меёбад.

ҶТ ҳамчун давлати мустақил субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ буда, дорои ҚМ худ мебошад. ҚМ ҶТ ташкилоти ҳарбии давлатӣ буда, асоси мудофиаи ҶТ-ро, ки он барои муҳофизати мусаллаҳонаи истиқлолият ва тамомияти арзии он таъин гардидааст, ташкил медиҳад.

Дар асоси моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаҳои он аз: зада гардонидани таҷовузи душман ва шикаст додани таҷовузкор; ҳифзи фазои ҳавоии давлат; муҳофизати мусаллаҳонаи сарҳади давлатӣ; ташкил ва пешбурди мудофиаи ҳудудӣ; иштирок дар зада гардонидани таҷовузи мусаллаҳона ба давлати дигар ё иҷро намудани вазифаҳои сулҳоварона, ки аз уҳдадориҳои байналмилалӣ бармеоянд иборат мебошанд.

Ба ҳайати ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон қушунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, қӯшунҳои зудамал дохил мегардад. Инчунин, қонунгузорӣ муайян кардааст, ки дар давраи ҷанг ба ҳайати ҚМ ҶТ Гвардияи миллии ҶТ, Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ, қушунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии ҶТ, қушунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ, полки посбоникунандаи Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи ҶТ, Агентии таъмини амволи махсуси назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ низ дохил мешаванд.

Яке аз масъалаҳои муҳимро дар ташкил ва фаъолияти ҚМ роҳбарӣ ва ташкили идоракунии ҚМ дар бар мегирад. Мусаллам аст, ки дар ташкили идоракунии онҳо мақомоти зиёди давлатӣ иштирок мекунанд. Роҳбарии умумии ҚМ ҶТ аз тарафи Президенти ҶТ – Сарфармондеҳи ҚМ ҶТ сурат мегирад. Роҳбарии бевоситаро ба ҚМ ҶТ Вазири мудофиаи ҶТ амалӣ намуда, ба иҷрои вазифаҳое, ки тавассути қонунҳои ҶТ ба уҳдаи ҚМ гузошта шудаанд, масъул мебошад. Мақоми асаосии идоракунии амалии қушунҳо Сарситоди ҚМ ҶТ мебошад.

Дар амалигардонии сиёсати давлатӣ ва ташкили идоракунииии ҚМ нақши асосиро Вазорати мудофиа иҷро мекунад. Вазорати мудофиаи ҶТ мақоми идораи давлатӣ мебошад, ки роҳбарии ҚМ ҶТ, мақомоти маҳаллии идораи ҳарбиро амалӣ менамояд ва барои рушду осудагии онҳо дар иҷрои вазифаи мудофиавӣ масъул аст. Вазорати мудофиа сиёсати мудофиавӣ, риояи қонунгузории соҳаи ҳарбӣ, фаъолияти самарабахши мақомоти идораи ҳарбиро таъмин месозад.

Мақсади ташкили ҚМ муҳофизати мусаллаҳонаи истиклолият ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ мебошад ва барои ин артиши Миллӣ бояд дар ҳамон дараҷаи мудофиавӣ қарор дошта бошад, ки ба пешгирии таҷовузи ҳарбӣ ва зада гардонидани он ҳамеша омода бошад.

Самтҳои асосии ташкили мудофиаи кишвар дар асоси ақоиди ҷангро ба сифати василаи ҳалли масоили байналмилалӣ эътироф накардан муайян карда шудааст. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, дар Доктринаии ҳарбии ҶТ муайян карда шудааст, ки ҶТ ҷанг ё истифодаи қувваи ҳарбиро чун воситаи ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ эътироф намекунад.

Хулоса ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амнияти ва иқтидори мудофиавӣ вазифаи муқаддаси конститутсионии ҳар як шаҳрванди ҶТ буда, хизмат дар ҚМ вазифаи фахрӣ мебошад. Ин вазифаҳоро муқаддас эълон намуда, Сарқонун моҳияту таъиноти онҳоро муайян менамояд. Ҳар як давлат барои риояи мустақилию истиқлолияти худ чораҳои имконнопазирро раво дида, дар андешидани ин чораҳо шаҳрванд ҷузви куллӣ ва субъекти фаъол буда, ҳам ба воситаи намояндагон ва ҳам бевосита дар ҳалли масалаҳои ҳифзи ватан ва пурзӯр кардани иқтидори мудофиавии он иштирок менамояд.

**Ҷурабек Қодиров**
**муаллими калони**
**кафедраи ҳуқуқи**
**конститутсионӣ**

# Зиён ё зарари молиявӣ?



Дар амалияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истилоҳҳои гуногун ба монанди «зарар», «хисорот» ва «зарари молиявӣ» истифода мешавад. Баъзан истифода намудани чунин истилоҳҳо боиси хулосабарориҳои баҳснок ва даромадҳои вуҷуднадошта мегардад, ки аз лиҳози устувории сиёсати ҳуқуқӣ ва молияи давлатӣ он қадар дуруст нест.

Бояд зикр намуд, ки қонунгузории гражданӣ истилоҳи «зиён» - ро эътироф намудааст. Мувофиқи қ. 2 м. 15 КГ.ҶТ «зиён хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст, ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои гражданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аздастрафта)». Чи тавре ки аз ин мафҳуми расмӣ бармеояд, қонунгузор зиёнро ба ду намуд тақсим кардааст:

- зиёни воқеӣ;
- фоидаи аздастрафта.

Зиёни воқеӣ дар навбати худ дар шаклҳои зерин ифода мешавад:

- аз даст додани молумулк (дуздӣ, ғоратгарӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ва ғайра);
- осеб дидани молумулк (қисман ё пурра вайрон шудани автомобили хизматӣ, корхона, иншоот ва ғайра);
- хароҷоте, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст (хароҷотҳои истеҳсолӣ ва ё хариди мол дар асоси харҷномаи соҳавӣ ва ё инфиродӣ, дигар манбаҳои маблағгузории ҷорӣ);
- хароҷоте, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд (хароҷот барои ҷалби нархгузор, адвокат, боҷи судӣ, ҷалби эксперт, тарҷумон ва ғайра аз ҳисоби қарз, кредит ва дигар манбаҳои маблағгузории ҷорӣ).

Фоидаи аздастрафта даромаде эътироф мегардад, ки шахси зиёндида метавонист ҳангоми шароитҳои маъмули муомилоти молию пулӣ ба даст орад, аммо аз сабаби вайрон шудани ҳуқуқҳои ӯ ба даст наовардааст.

Дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» тахти № 3, аз 25. 06. с. 2004 ҳолатҳои тасарруфи ғайриқонунӣ, ғаразнок, ройгон гирифтан ва ё ситонидани молумулки шахси дигар таҳлил шудааст.

Мувофиқи б. 11 қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ» тахти № 6, аз 25. 06. с. 2004 тахти мафҳуми фоидаи аздастрафта инчунин бояд он маблағе, ки дар натиҷаи напардохтан ҷиҳати бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ ва додани иҷозатномаи (литсензияи) махсус ва ғайра, ки аз тарафи давлат пурра гирифта нашудаасту мебоист ба буҷет гузаронида мешуд, фаҳмида шавад. Ҳамзамон, агар зиён вобаста ба вайрон намудани уҳдадорӣ руёнида шавад, андозаи он вобаста аз талаботи қ. 3 м.423 КГ ҶТ муайян карда мешавад. Мутобиқи он ҳангоми муайян намудани зиён бояд нархе, ки дар маҳалли иҷрои уҳдадорӣ дар рӯзи ихтиёран қонеъгардонии талаботи кредитор мавҷуд буд, ё дар рӯзе, ки даъво ба суд пешниҳод шудааст, ба инобат гирифта шавад. Суд бо дарназардошти ҳолати воқеӣ талаботро дар хусуси товони зиён қонеъ намуда, ҳуқуқ дорад нархҳое, ки дар рӯзи баровардани қарор мавҷуданд, ба инобат гирад. Ҳамин талаботҳо татбиқ мешаванд, агар ҳуқуқи вайронгардида тавонад дар шакли асл, бо роҳи харидани моли муайян ё иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ барқарор карда шавад. Арзиши молумулк, кор ва хизматрасонӣ низ мутобиқи қ. 3 м. 423 КГ ҶТ муайян карда мешавад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки агар дар лаҳзаи пешниҳоди даъво ё қабули қарор кредитор вобаста ба хариди онҳо хароҷоти воқеиро анҷом надода бошад.





Барои намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳо қонун метавонад муқаррароти махсуси ҳисоби зиёнро муайян намояд (м.561 КГ ҶТ). Андозаи фоидаи аз дастрафта бояд бо дарназардошти чунин ҳолат муайян карда шавад:

- тадбирҳое, ки кредитор барои гирифтани онҳо андешидааст;
- хароҷоти оқилонае, ки барои омодагӣ ба ин мақсадҳо масраф шудаанд (қ. 4 м. 423 КГ ҶТ);
- хароҷоти оқилона, ки бояд кредитор масраф менамуд, агар ин уҳдадорӣ иҷро мегардид.

Илова бар он, андозаи фоидаи аз дастрафта вобаста ба нарасидани ашё ва маводи такмилӣ, бояд бо назардошти нархи фурӯши маҳсулоти тайёр, аз ҳисоб баровардани ашё, маводи такмилӣ, хароҷоти нақлиёту тахия ва дигар хароҷот вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр муайян карда шавад. Даъвогар метавонад, чи дар мурофиаи гражданӣ (иқтисодӣ) ва ё мурофиаи ҷиноятӣ товони фоидаи аз дастрафтаро дар ҳаҷми на камтар аз маблағи даромад, ки шахси вайронкардаи ҳуқуқи ӯ гирифтааст, талаб намояд.

Мувофиқи қ. 1 м. 15 КГ ҶТ даъвогар метавонад ҷуброни пурраи зиёни ба ӯ расонидашударо талаб намояд. Риоя накардани чунин талабот танҳо вақте иҷозат дода мешавад, агар он дар қонун ва ё шартнома бо тартиби дигар муайян шуда бошад. Масалан, КГ ҶТ имконпазирии товони зиёнро танҳо дар шакли зиёни воқеӣ ҳангоми бастани аҳд бо шахси ғайри қобили амал (қ. 1 м. 196), беэътибор эътироф намудани аҳде, ки таҳти таъсири гумроҳӣ, фиреб, зуроварӣ, таҳдид, шартномаи барқасдонаи намояндаи яке аз тарафҳо бо тарафи дигар ё шароити вазнин (қ. 2 м. 203, қ. 2 м. 204), ҳангоми аз ҷониби ташкилоти савдо рад намудани доирнамоии он (қ. 3 м. 480) пешбинӣ менамояд. Мувофиқи қ. 1 м. 578 КГ ҶТ ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ вобаста ба шартномаи таъмин бо қувваи барқ танҳо зиёни воқеӣ руёнида мешавад. Ҳамчунин ҳаҷми зиёне, ки аз ҷониби боркашон (қ. 2 м. 816 КГ ҶТ), нигаҳбон (қ. 2 м. 989 КГ. ҶТ) ва ғайра ситонида мешавад, маҳдуд карда мешавад.

Дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» тахти № 22, аз 26 06 с. 2009 (б. 3) мафҳуми азонихудкунӣ ва исрофкорӣ кушода шудааст. Азонихудкунӣ чунин ҳолати аз ҷониби шахси масъул ғайриқонунӣ гирифтан ва ба манфиати худ табдил додани молумулки ғайр, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, фаҳмида мешавад. Исрофкорӣ аз ҷониби шахс дар ҳар шакл ғаразнок, ройгон, бебозгашт ба фоидаи худ ё шахси дигар бегона кардан ё ин ки истифода намудани молумулки ба ӯ бовар кардашуда ё дар ихтиёраш будаоро дар бар мегирад.

Аз рӯи ҳолатҳои зикршуда чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст:

1) Дар амалияи ҳуҷҷатнигории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд аз истифодаи истилоҳҳои ғайрирасмии «зарар», «хисорот» ва «зарари молиявӣ» худдорӣ карда шавад. Пешниҳод менамоем, ки ба ҷойи онҳо истилоҳи зиён, ки бевосита дар м. 15 КГ. ҶТ муайян шудааст, истифода карда шавад.

2) Дар асоси м. 12 КГ ҶТ руёнидани товони зиён усули мустақили ҳифзи манфиатҳои давлат, шаҳрвандон ва дигар субъектони ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Дар санади тафтишотии мақомоти андоз, гумрук ва ё Агентии назорати давлатии молиявӣ муайян шудани зиён маънои воридоти онро ба Буҷети давлатро надорад. Охир, товони зиён ва руёнидани он вуҷуд дорад. Зиёни расонидашуда ихтиёрӣ пардохта мешавад, агар маблағи пули нақд ба бонки хизматрасон ва ё ҳангоми ҳисоббаркунии ғайринақдӣ қабули супориши пардохт анҷом дода шавад. Дар асоси м. 94 Қонуни ҶТ «Дар бораи нотариати давлатӣ» ва қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз 07 02 с. 1977 тахти № 40 «Дар бораи Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо қарз бо тартиби баҳснопазир тавассути навиштаҷоти иҷроияи мақомоти баҷоварандаи амалиёти нотариалӣ ситонида мешавад» қарз тибқи навиштаҷоти иҷро фақат дар мавриди бебаҳс будани он ва мавҷуд будани мӯҳлати даъво ба амал меояд.





Ҳангоми мавҷуд будани баҳс ситонидани товони зиён танҳо тибқи тартиби судӣ ба амал меояд. Қувваи амал пайдо намудани қарори суд бе иҷрои дахлдори он маънои руёнидани товони зиёнро надорад.

**Шукрулло Ғаюров**
**мудири кафедраи**
**ҳуқуқи гражданӣ**

# Фемида – рамзи адолати судӣ



Дар ҷаҳони муосир намояндагони касб ва шуғли мухталиф ҷиҳати ифодаи махсусияти кори пешанамудаашон рамзеро ихтиёр кардаанд. Касби ҳуқуқшиносӣ низ, ҳамчун куҳантарин навъи фаъолият соҳиби рамзи махсус мебошад. Рамзи олиҳаи юнонӣ – Фемида чун анъана ифодакунандаи махсусияти касби ҳуқуқшиносӣ, махусан дар бахши таъмини адолати судӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар ин партав мехоҳем чанд нуктаи муҳимро дар вобастагӣ ба шахсияти ин олиҳа ва рукнҳои ба он мансуб ифброз намоем, то хонандагони арҷманди рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» донista бошанд, ки касби ҳуқуқшинос чи касб аст, барои дифои чи навъ манфиатҳо нигаронида шудааст, чӣ ҳадаф дорад, таъиноти иҷтимоии вай дар чӣ зоҳир мегардад.

Падидаҳое мисли қонун ва адолат, ҳуқуқ ва ҳақиқат, додрас ва додгустарӣ барои сокинон ва намояндагони фарҳангу тамаддунҳои гуногун бегона набуданд. Ин аст, ки дар ҳар як минтақаи сайёра, барои таъмини воқеии ин падидаҳо, бештар бо таъсири таълимоти динӣ олиҳа ва ё фариштае мувааззаф гардида буд. Дар тамаддуни мисрӣ таъмини қонуният, тартибот ва ҳақиқат бар души олиҳа Маат вогузор мешуд. Эрониёни бостон таълимоти зардуштиро ба роҳбарӣ гирифта, ба ҳайси рамз ва рукни фаъолияти додгустарӣ фариштае Рашанро мепиндоштанд. Дар тамаддунҳои славянӣ олиҳаи Прове ифодакунандаи адолати судӣ ба шумор мерафт. Бо ҳамин минвол халқ ва миллатҳои дигар низ бо дар назардошти махсусияти миллӣ, фарҳангӣ, динӣ ва баъзан нажодии хеш барои ифодаи маъкулаҳои ҳуқуқ, ҳақиқат, адолат, қонуният, тартибот ва монанди инҳо, рамзҳои алоҳидаро интихоб намудаанд. Аммо дар ин миён шӯҳрати беандозаро олиҳаи юнонӣ Фемида соҳиб шудааст ва имрӯзҳо ҳатто дар ҷойи истилоҳи адолати судӣ бештар ҳамин мафҳумро истифода менамоянд. Шояд нақш ва мақоми авлотар доштани тамаддуни Аврупоӣ дар илм ва ё воқеан комилтар будани рукнҳои ҳуқуқии ин олиҳа сабаб шуда бошад, ки маҳз ба ишораи он касби ҳуқуқшиносӣ тавсиф мегардад.

Дар адабиёти қадимаи юнонӣ Фемида ҳамчун завҷаи Зевс ёдрас шудааст. Дар ибтидо ин олиҳа ҳамчун олиҳаи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ баён мегардид. Таъмини адолат бошад, ба зиммаи духтари вай – Дике вогузор шуда будааст. Ба қавле Зевс адолати судиро маҳз дар ҳузури Фемида ва дутараш Дике ба амал мебаровардааст. Рукнҳои рамзи Фемидаи юнонӣ танҳо тарозу ва шамшер будаанд. Чашми пӯшида ва пироҳани сиёҳ аз ҷумлаи рукнҳои олиҳаи римӣ – Юститсия будаанд, ки минбаъд ба Фемида нисбат дода шудаанд. Дар ҳар сурат имрӯзҳо маҳз Фемида ба рамзи умумиэътирофшудаи касби ҳуқуқшиносӣ бадал гардидааст. Бинобар ин шарҳи атрибутҳои асосии онро мувофиқи мақсад мешуморем, ки инҳо тарозу, шамшер, пироҳани сиёҳ ва чашми баста ба шумор мераванд.

Чун анъана дар дасти чапи олиҳа Фемида тарозу тасвир меёбад. Тарозу рамзи кухани адолат буда, тавассти он амалҳои неку бад, гунаҳкорӣ ва бегуноҳии фард баркашида мешаванд. Ҳар гунаҳкор мутаносибан ба амали содиршуднамудааш ҷазо мебинад. Сабаби ҷойгир шудани тарозу дар дасти чапи Фемида ба он нисбат дода мешавад, ки дар ин қисмат дил ҷойгир аст ва он вазъиятро хубтар эҳсос менамояд.

Шамшер, ки чун анъана дар дасти рости Фемида тасвир меёбад, ифодакунандаи қудрат ва интиқом мебошад. Сабаби дар дасти рост ҷойгир шудани шамшер ба кори рост ва ҳақ нигарон будани адолати судӣ нисбат дода мешавад. Тезии ҳарду бари шамшер онро ифода мекунад, ки қонун на танҳо сазо медиҳад, балки огоҳ низ мекунад ва дар он ҷанбаҳои тарбиявӣ низ нуҳуфтаанд.

Пироҳани сиёҳ (мантия) – либоси мутантан ва маросимие мебошад, ки ҷараёни баамалбарории адолати судиро боз ҳам расмитар месозад. Ҳикмати пироҳани сиёҳ танҳо дар он аст, ки ба мурофиаи судӣ як навъ ҷазабаи хосса зам намояд ва додрасро аз иштирокчиёни дигари мурофиа фарқ кунонад.

Чашми бастаи Фемида аломати ҳидояти вай ба беғаразист. Додрас набояд ба вазъи иҷтимоӣ ва тафовути амволии иштирокдорони мурофиа побанд шавад, балки беғаразона ҳар ду ҷонибро шунида, ҳукми оқилона ва ба ҳақиқат асосёфтаро татбиқ намояд. Яъне нобиноӣ дар ин маврид хеле шартӣ буда, ба он ҳидоят менамояд, ки миёни одамон тафовут гузошта нашавад ва ҳар кас мувофиқ ба аъмоли содиркардааш ҷазо бинад.

**Дилшод Сафаров**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

# ИҚТИДОРИ ОБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз субъектони асосии дорандаи об шинохта шудааст. Мақсаднок истифода бурдани ин сарвати табиӣ масъалаи муҳим мебошад. Бояд гуфт, ки системаҳои кӯҳии пуриқтидори Тоҷикистон қаламрави ҷумҳуриро ба якчанд вилоятҳо ҷудо мекунанд, ки онҳо ду системаи асосии дарёиро ташкил менамоянд – Сирдарё ва Амударё. Ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон қисмати ҳавзаи дарёи Сирдарёро ташкил карда, ҳисоби миёнаи маҷрои он, майдони 13,4 ҳазор км2-ро дар бар мегирад. Тақрибан боқимондаи қаламрави кишвар дар ҳавзаи Амударё ҷойгир шудааст, ки қаторкӯҳҳо онҳоро ба ҳавзаҳои бузурги дарёӣ ҷудо мекунанд. Онҳо аз ҷиҳати баландии обҷамъкунӣ, дараҷаи яхбандӣ, ташаккули шабакаҳои дарёӣ, шароитҳои пуршавии дарёҳо ва ташкилёбии шохобҳо аз ҳамдигар тафовут доранд.

Миқёси ҷуғрофии Тоҷикистонро зиёда аз 25 ҳазор дарёҳои дорои дарознокии умумии 69,2 ҳазор километр ташкил медиҳанд. Аз онҳо 947 дарё дорои дарозии аз 10 то 100 км, 16 дарё – аз 100 то 500 км ва 4 дарёи дарозиашон аз 500 км зиёдтар иборат мебошанд. Аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ шабакаи дарёӣ ба ҳавзаҳои бузург: - дарёҳои Зарафшон, Сурхондарё (дарёи Қаротоғ, Шеркент), Кофарниҳон, Вахш, Панҷ, (Гунт, Бартанг, Язғулом, Ванҷ, Қизилоқсуи ҷанубӣ) тақсим мешавад. Дарёҳои аз ҳама калонтарини ҷумҳурӣ: дарёи Панҷ- 521 км, дарёи Вахш – 524 км, дарёи Бартанг – 528 км, дарёи Кофарниҳон – 387 км, дарёи Зарафшон – 310 км (дарозии пурраи он 877 км), дарёи Сирдарё берун аз ҷумҳурӣ дарознокии 180 км-ро доро мебошанд.



Яке аз манбаҳои асосӣ барои васеъшавии миқдори оби дарёҳои қаламрави Тоҷикистон пиряхҳо дониста мешаванд. Пиряхҳо дар минтақаҳое ба вуҷуд меоянд, ки тобистонаш кӯтоҳу хунук мебошад ва барфи борида шуда то об шудан нарасида, ҷамъ шудан мегирад ва ба ях мубаддал мегардад. Ҳамин тавр пиряхҳо ба вуҷуд меоянд, ки нақши онҳо дар пуршавии дарёҳои Тоҷикистон бениҳоят бузург аст, зеро онҳо ҳамасола дар мавсими тобистон обро таъмин месозанд. Аз ин рӯ, қисмати зиёди дарёҳои кишвари мо аз пиряхҳо сарчашма мегиранд.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои сифатнокии об, истифодаи мақсадноки об, талошҳову фаъолиятҳо ба роҳ монда шуда истодааст. Сифатнокии об аз рӯи ба кадом самт дода шудани он баҳогузорӣ карда мешавад.

Об – системаи хунгарди замин ва сарчашмаи аслии замин аст. Мавҷудияти оби барои ҳаёт лоиқ (рӯизаминӣ ё зеризаминӣ) асоси паҳншавии чи растаниҳо ва чи ҳайвонот дар баробари ҳаёти солими инсонӣ мебошад. Дар он ҷое, ки об фаровон аст, дар баробари инсон ҳамаи мавҷудоти зинда босуръат афзоиш меёбад ва баъакс дар он ҷое, ки об кам аст ё он ифлос аст, ҳаёт бозмеистад ва суст равнақ меёбад. Танҳо речаи мусоиди обӣ ҳаётро равнақ медиҳад.

Назар ба дигар захираҳои табиӣ об ҳамеша ба ташаккули маданияти инсонӣ таъсири худро мерасонад. Бештар тамоми фаъолияти одамон дар ҷойҳое ба амал бароварда мешаванд, ки дар он ҷойҳо оби нушокӣ фаровон аст (дарё ва ё обҳои зеризаминӣ дар намуди чашма). Меҳнати инсон барои сифатнокии об ва тоза нигоҳ доштани он асоси воқеӣ дониста шудааст. Аз ин рӯ мутафаккирон чунин меҳисобанд, ки обе, ки дар он меҳнати инсон гузошта шудааст, новобаста аз алоқаи мутақобилаи он бо табиат ба мол мубаддал мегардад, ҳамчун мисол: обанборҳо ва ҷуйборҳо оварда мешаванд. Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки чунин обҳоро на ҳамчун объекти табиӣ, балки ҳамчун моли бо меҳнати инсон сохташуда бояд донист.

Хулоса, Тоҷикистон дар шароити кунунӣ мамлакати обӣ шинохта шудааст. Бо истифодаи захираҳои обии мавҷуда, имкони амалӣ кардани фаъолиятҳои гуногун ҷой дорад. Гуфтан мумкин аст, ки яке аз ин фаъолиятҳо имкони истеҳсоли қувваи барқ бо истифода аз захираҳои бойи обӣ мебошад. Истифодаи мақсадноки захираҳои обӣ на танҳо дар истеҳсоли қувваи барқ, балки дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дида мешавад. Аз ҷумла дар ташаккули соҳаи кишоварзӣ истифодаи мақсадноки об муҳимияти худро дорад.

**Ҳуснуддин Саидов**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ**



# Аҳамияти таърихӣ ва ҳуқуқии Мурофиаи Нюрнберг

Таърихи инсоният аз воқеаҳо ва ҷангҳои мудҳиш ҳаргиз холӣ набуд ва мусаллам аст, ки оқибати онҳо аз ашхос ва гурӯҳҳои аҳримантабор содир шуда, барои насли башарият ниҳоят даҳшатвор мебошанд. Ба ҳамаи мо аз таърих аён аст, ки Ҷанги I-ум ва II-юми ҷаҳонӣ чӣ қадар бадбахтиҳоро ба сари инсоният овард.

Агар дар асри XIX «сиёсати расизм (нажодпарастӣ)» теша ба решаи инсоният зада бошад, пас дар қарни XX «идеологияи натсизм (миллатгароӣ)» тухми инсонро аз беху бунаш нобуд сохтан мехост. Воқеан ҳам дар ҳама давру замон нафарони бадандеше арзи вуҷуд кардаанд, ки бо ниятҳои ғаразноки худ миллионҳо одамони бегуноҳро нобуд кардаанд. Аз зумраи чунин ашхоси зулмпеша Адолф Гитлер ва Алфред Розенберг инчунин ҳазорон пайравони онҳоро номбар кардан мумкин аст, ки дар барномаҳои шуми дар сардоштаи онҳо мафҳумҳои «интихоби табиӣ», «селексияи табиат», «мубориза барои зинда мондан дар байни нажодҳо» вомехӯрад, ки асоси назариявии онҳо ақидаҳои Дарвинизм оид ба инкишофи организмҳои зинда дар рӯи замин, ки бевосита ба муборизаи онҳо барои зиндагӣ алоқамандӣ дорад, мебошад.

Соли 1933 дар съезди Ҳизби миллӣ – сотсиалистии Олмон дар Нюрнберг Адолф Гитлер ба таври возеҳу равшан иброз дошта буд, ки:

«…нажоди олии мо бояд тамоми нажодҳои дигарро ба худ мутеъ гардонад. Ин қонуне аст, ки худи табиат онро ба вуҷуд овардааст ва қонуни мантиқии ягонаи зиндагӣ дар рӯи замин мебошад».

Ӯ бо дастгирии ҷонибдоронаш идеяи худро, ки маҳз аз назарияҳои дар боло қайдгардида маншаъ мегирифт, дар амал татбиқ намуда, фалокате ба сари инсоният овард, ки таърих назирашро намедонад. Қисмати зиёди гурӯҳҳои сиёсӣ ва этникӣ дучори «селексияи гитлерӣ» гардиданд ва дар маҷмӯъ сиёсати нажодпарастонаи фашизми гитлерӣ ҷони зиёда аз 55 млн. нафар аҳолии кураи сайёраро аз миён бурд. Вале набояд фаромӯш кард, ки амалиёти содирнамудаи Гитлер ва иттифоқчиёнаш дар назди ҷомеаи инсонӣ ҳаргиз бе ҷавобгарӣ намонданд. Мурофиаи Нюрнберг яке аз чунин кӯшишҳои барҷастаи инсоният баҳри пойдории адолати байналмилалӣ мебошад, ки аз замони анҷомёбиаш 67 сол сипарӣ мегардад ва ҳазорон маротиба аз гӯшаҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Онро ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон, таърихшиносон ва қишрҳои дигари ҷомеа ба риштаи муҳокима кашидаанд.

Мо низ барои ошноии бештари хонандаи гиромӣ кӯшиш намудаем шаммае аз он тимсоли адолатро рӯи авроқ биёрем ва боқӣ қазовату довариро ба дасти ӯ биспарем.

Масъалаи ҷавобгарии коллективии роҳбарияти натсистӣ аз ҷониби иштирокчиёни коалитсияи зиддигитлерӣ аллакай дар зинаҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳокима гардида буд. Аввалин мубоҳисаҳо ба соли 1942 рост меояд. 19 октябри соли 1942 Ҳукумати Шуравӣ изҳорот «Дар бораи ҷавобгарии забткорони гитлерӣ ва иттифоқчиёни онҳо барои бадкирдориашон, ки аз ҷониби онҳо дар кишварҳои забтшудаи Аврупо содир шудааст», бароварда шуд, ки дар он оид ба зарурати таъсиси Трибунали байналмилалии ҳарбӣ барои таъқиби ҷиноятҳои ҳарбӣ сухан мерафт. Чунин мавқеи роҳбарияти шӯравӣ дар аввал аз ҷониби роҳбарони дигари иттифоқӣ дарк карда нашуд. Албатта ҳам Сталин, ҳам Рузвелт ва ҳам Черчилл зарурати ҷавобгарии коллективии роҳбарони натсистро барои кирдорашон дарк мекарданд. Агар мавқеи Иттиҳоди Шӯравӣ аз лаҳзаи аввал дар зарурати таъсиси суд зоҳир гардад, пас барои Сарвазири Британияи Кабир Уинстон Черчилл чунин мавқеъ бегона буд. Дар худи соли 1942 Черчилл оид ба зарурати бе суд қатл намудани тамоми роҳбарони натсистӣ арз намуда буд. Дар баробари ӯ котиби давлатии ИМА Кордуэлл Хэлл низ тарафдори ҷисман нобуд кардани тамоми роҳбарияти фашизми гитлерӣ буд.

Аммо алорағми мавқеи сиёсатмадорони амрикой ва бритониёвӣ ҷониби шӯравӣ тарафдори ба таври ҳуқуқӣ ҳал намудани масъалаи бавуҷудомада буд. Воқеан, маҳз чунин роҳи ҳалли масъалаи ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани ҷинояткорони ҳарбӣ иттифоқчиёнро аз гунаҳкорнамоии имконпазир раҳо мекард. Ҳамин буд, ки бо ташаббуси бевоситаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Конфронси Лондон 16 июн - 8 августи соли 1945 Созишнома оид ба таъсиси Трибунали байналмилалии ҳарбӣ ва Оинномаи он аз ҷониби Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқчиёнаш - ИМА, Британияи Кабир ва Фаронса қабул гардиданд.

Ҳуҷҷатҳои дар ин конфронс қабулгардида мавқеи тамоми 23 кишвар – иштирокчии онро нишон медод.

Ҳамин тавр, 8 августи соли 1945 рӯйхати аввалини айбдоршавандагон мувофиқа карда шуд. Ба он Гитлер, Геббелс ва Гиммлер, ки фавтида эътироф карда шуда буданд, ворид карда нашуданд. 29 августи соли 1945 рӯйхати ҷинояткорони асосии ҳарбӣ, ки 24 насаби сиёсатмадорон, ҳарбиён ва идеологҳои асосии фашизми гитлериро дар бар мегирифт, баровардa шуд. Айби ба муқобили онҳо эълоншуда бандҳои зеринро дар бар мегирифт:

1. Нақшаҳои ҳизби натсистӣ:

а) истифода бурдани назорати натсистӣ барои агрессия ба муқобили кишварҳои хориҷӣ;

б) амалиёти агрессивӣ ба муқобили Австрия ва Чехословакия;

в) ҳуҷум ба Полша;

г) ҷанги таҷовузкорона ба муқобили тамоми ҷаҳон (1939—1941);

д) ҳуҷуми Олмон ба қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ бо вайрон намудани Пакт оид ба ҳуҷум накардан аз 23 августи соли 1939;

е) ҳамкорӣ бо Италия ва Япония ва ҷанги таҷовузкорона ба муқобили ИМА (ноябри 1936с. — декабри 1941с.).

2.Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ:

Тамомиайбдоршавандаҳо ва шахсони гуногуни дигар дар давоми сол то 8 майи соли 1945 дар банақшагирӣ, тайёрӣ, гузаронидани ҷангҳои таҷовузкорона, ки бо вайронномани меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ, ӯҳдадориҳои созишномавӣ сурат гирифтаанд, айбдор дониста мешуданд.

3.Ҷиноятҳои ҳарбӣ:

а) куштор ва муносибати бераҳмона бо аҳолии мулкӣ дар қаламрави забтшуда ва дар баҳри кушод;

б) ба ғуломӣ табдил додани аҳолии мулкии қаламрави забтшуда;

в) куштор ва муносибати бераҳмона бо асирони ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳарбии кишварҳое, ки Олмон бо онҳо дар ҳолати ҷанг қарор дошт;

г) хароб кардани шаҳрҳои азиму хурд ва деҳаҳо.

4.Ҷиноятҳо ба муқобили инсоният:

Тамомиайбдоршавандаҳо дар амалӣ кардани сиёсати таъқибот, репрессия ва куштори бераҳмонаи одамон гунаҳкор дониста мешуданд. Онҳо одамонро ба бе гузаронидани мурофиаи судӣ нисбати ашхоси гуногун ҳукм мебароварданд ва онҳоро ба маҳбасхонаҳо партофта, шаъну шарафашонро паст мезаданд ва бо азобу шиканҷаи зиёд ба қатл мерасониданд.

Дар асоси айби нисбати онҳо эълонгардида 18 октябри соли 1945 хулосаи айбдоркунӣ ба Трибунали байналмилалии ҳарбӣ ворид шуд ва як моҳ пештар аз саршавии мурофиа ба ҳар як айбдоршаванда бо забони немисӣ дода шуд.

Мувофиқи Созишномаи Лондон Трибунали ҳарбии байналмилалӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ аз намояндагони чаҳор кишвар таъсис дода шуд. Судяи асосӣ намояндаи Британияи Кабир лорд Дж. Лоренс интихоб карда шуд. Аз дигар кишварҳо аъзоёни трибунал шахсони зерин таъин карда шуданд:

- Аз Иттиҳоди Шӯравӣ: муовини Раиси Суди Олии Иттиҳод Шӯравӣ генерал-майори адлия И. Т. Никитченко.
- Аз ИМА: Прокурори генералии собиқи кишвар Ф. Биддл.
- Аз Фаронса: профессори ҳуқуқи ҷиноятӣ А. Донеде де Вабр.

Ҳар яке аз 4 кишвар ба мурофиа айбдоркунандагони калони худ, муовинони онҳо ва ёрдамчиёнашонро фиристода буданд.

Мурофиа дар Нюрнберг даҳ моҳ идома ёфт ва дар он ҳамагӣ 216 маҷлиси судӣ гузаронида шуд. Ҳар як тараф далелҳои ҷиноятҳои аз ҷониби ҷинояткорони натсист содиршударо пешниҳод намуда, бо далелу рақамҳои кофӣ онҳоро фош карданд ва дар натиҷа Трибунали байналмилалии ҳарбӣ чунин қарор қабул намуд:

**Идома дорад.**

**Амонулло Мирзоев**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ**

# ЗАРУРИЯТИ ТАЪСИСИ СУДҲОИ МАЪМУРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст даровардани истиқлолияти давлатӣ ба якчанд дастовардҳои бузург ноил гардид. Дастоварди бузурги миллати тоҷик ин пеш аз ҳама истиқлолияти миллӣ мебошад, ки дар раванди нави таърихӣ, бо назардошти тамоюли инкишофи ҷомеаи башарӣ, бар дӯши халқи тоҷик вазифаҳои пурмасъулияту тақдирсозе гузошт, то ки бахри таҳкими истиқлолият ва давлатдории сохтори навин тамоми роҳу васила ва усулҳои созгори лозимаро ҷустуҷӯ намояд. Ба ҳамаи душвориҳои сиёсӣ нигоҳ накарда, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ вазифаҳои пурмасъулияти дар наздаш гузошташударо бо сарварии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ӯҳдааш барояд. Дар ҷараёни бозсозии давлати навини тоҷикон чандин ислоҳоти сиёсӣ – ҳуқуқӣ гузаронида шуд ва яке аз ислоҳоти муҳими сиёсӣ – ҳуқуқӣ ин қабули Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ба ҳисоб меравад. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онро кафолат медиҳад.

Баъди ба вуқӯъ пайвастани ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таҳкими пояҳои ҳокимияти судӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти суд диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар низоми мақомотҳои давлатӣ яке мақомотҳое, ки адолати иҷтимоиро ба амал меборорад, ин мақомоти судӣ мебошад. Дар ин хусус сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар машварати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ 31 майи соли 2001 махсусан қайд намуданд, ки «барпо кардани ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, прокуратура ва суд вобастагии бевосита дорад. Чунки таъмини ҳуқуқ, кафолати озодӣ ва амнияти шаҳрвандон, яъне фароҳам овардани шароит барои ҳокимияти воқеъӣ қонун ва адолат дар дасти ин мақомотҳо аст». Бо мақсади воқеан амалӣ намудани сиёсати пешгирифтаи сарвари давлатамон махсусан бо ташаббуси Ассосиатсияи ҳуқуқдонҳои ҷавони ҷумҳурӣ таҳти сарпарастии Оҷонсии Шветсария оид ба тараққиёт ва ҳамкорӣ моҳҳои апрел – октябри соли 2001 семинари доимиамалкунанда дар мавзӯи «Мустаҳкам намудани системаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шуд, ки дар он асосан раисони суд ва судяҳои шаҳру ноҳияҳои минтақаи Қурғонтеппаи вилояти Хатлон иштирок доштанд.

Аз таҷрибаи судӣ собит мегардад, ки ҳодисаҳои поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва вайронкунии адолат маҳз дар соҳаи ҳаёти идоракунӣ бештар ба назар мерасад, ки ин боиси афзоиши баҳсҳои шаҳрвандӣ гардидааст. Аз ин рӯ, судҳои ҳамаи марҳилаҳоро лозим аст, ки ҳангоми баррасию ҳалли баҳсҳои шаҳрвандӣ бахри ҳимояи адолати иҷтимоӣ бештар кӯшиш ба харҷ дода, ба он ноил гарданд, ки манфиатҳои шахсу давлат тибқи Конститутсия ва қонун таъмин гардад. Ин яке аз пояҳои муҳими устуворию шаҳомати ҳокимияти судӣ ва расидан ба ҷомеаи мутамаддин аст. Мақсади иброз доштани чунин ақидаҳо дар он аст, ки дар фаъолияти мақомоти судӣ ҳанӯз як қатор камбудиҳо ҷой дорад. Сифату сатҳи баррасии баъзе парвандаҳо ба талаботи меъёрии Конститутсияю қонун пурра ҷавоб намедиҳанд ва натиҷаи баъзе ҳукму ҳалномаҳо ва таъинотҳое, ки судҳо мебароранд, на ҳамеша тарафҳоро қонеъ мегардонанд. Бинобар ҳамин, чунин камбудиҳо торафт баҳсҳоро дар мақомоти судӣ рӯ ба афзоиш қарор додааст. Бо мақсади сари вақт бартараф намудани чунин камбудиҳо ва боз ҳам мустаҳкам намудани низоми мақомоти судӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007 таҳти №271 «Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд. Барномаи мазкур дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006 таҳия шуда, тадбирҳои мушаххасро бобати амалӣ намудани ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар бар мегирад. Бо мақсади самаранокии фаъолияти низоми судӣ, ташкилу гузаронидани мурофиаҳои судӣ дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи қонун, иҷроиши саривақтии қарорҳои судӣ, баланд бардоштани донишу таҷрибаи судҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, таъмини зарури шароити моддию техникии судҳо ва иҷрои Барномаи мазкур корҳои зерин ба анҷом расонида шуд. Аз ҷумла, дар Суди ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ, дар Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ таъсис дода шуданд.



Бо дар назардошти амалӣ намудани Барномаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 апрели соли 2009 ва 24 апрели соли 2010 зарурати идома додани ислоҳоти судиро таъкид намуда, масъалаи таҳия ва пешниҳоди барномаи нави мукаммали соҳаро барои солҳои минбаъда ба миён гузошта буданд. Паёмҳои навбатии сарвари давлатамон дар инкишофи низоми ҳокимияти судӣ таъсир худро гузошт ва маҳз бо мақсади амали намудани чунин ислоҳот бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011 таҳти №976 «Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2013» таҳия ва қабул карда шуд. Мақсад аз таҳияи Барномаи мазкур таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, такмили сохторҳои судӣ ва тақвияти фаъолияти онҳо, беҳдошти вазъи моддию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо, инчунин мукаммал намудани қонунҳо мебошад. Барномаи ислоҳоти судию ҳуқуқии мазкур заминаи минбаъдаи таъсиси судҳои маъмуриро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини мекунад. Аз ҷумла, дар таркиби судҳои умумӣ таъсис додани мансаби судяҳои маъмурӣ аз ҳисоби воҳидҳои амалкунанда ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди диққати махсус қарор дода шуд. Инчунин дар алоҳидагӣ қабул гардидани қонунҳои моддӣ ва мурофиавӣ, барои ба таври содда ва шаффофу дақиқ баррасӣ намудани парвандаҳо, гузаронидани тафтишоти судӣ ва таҳияю қабули қарорҳои қонуниву асоснок яке аз мақсадҳои дигари Барномаи мазкур ба ҳисоб мерафт. Гарчанде, ки то ба имрӯз Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади танзимкунандаи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ аз ҷониби судяҳо ба таври васеъ истифода бурда мешавад, лекин то ба ҳанӯз меъёрҳои он ба талаботҳои мурофиавии баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ҷавобгӯ намебошад. Бинобар ин, «Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2013» чунин заруратро ба миён гузошт, ки қисми меъёрҳои мурофиавӣ аз Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуда, дар заминаи он Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад.

Таҳлилҳои омории баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар судҳо дар шароити ҳозира аз он шаҳодат медиҳанд, ки таъсиси судҳои маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ ва саривақтӣ мебошад. Чунки муносибатҳои идоракунӣ ба монанди муносибатҳои иқтисодӣ мураккаб шуда истодаанд. Ва таҳлилҳои омории баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар тобеияти судҳои салоҳияташон умумидошта аз он шаҳодат медиҳад, ки ба принсипи ҳамаҷониба, пурра, беғаразона, саривақт баррасӣ намудани парвандаҳои мазкур мувофиқат намекунад. Бо назардошти чунин ҳолатҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати идомаи ислоҳоти судию ҳуқуқиро зарур шуморида бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012 таҳти №97 «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амнияти барои солҳои 2012 – 2015» қабул намуд. Мақсади асосии Барномаи мазкур пеш аз ҳама ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти давлат, манфиатҳои миллӣ ва амният, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ, бо назардошти рушди ҷомеа, баланд бардоштани дониши касбӣ ва маърифати ҳуқуқӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Хулоса, чи тавре ки аз баромадҳои сарвари давлатамон бармеояд нақши ҳокимияти судӣ дар амалӣ намудани адолати иҷтимоӣ ва бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ бениҳоят назаррас мебошад. Аз ҳамин хотир, сатҳи инкишофи ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ва дастовардҳои шоистаи он ба сифати кори ҳокимияти судӣ, меҳнати фидокоронаю ғайрату кӯшиши ҳайати ин ҳокимият вобастагии ногусастанӣ дорад. Чунки татбиқи адолати иҷтимоиро чун маҳаки ҳастии ҷомеаи мутамаддин бидуни таъмини адолати судӣ ва волоияти қонун тасаввур намудан имконнопазир аст.

**Давлаталӣ Қаҳҳоров**
**донишҷӯи соли 5-ум**

# Хоҳӣ, ки озод бошӣ, ғуломи қонун бош!



Озодии инсон, ки имрӯз бештари давлатҳои мутараққии ҷаҳон онро эътироф кардаанд ва дар қонунгузориашон эълом доштаанд, яку якбора ба сатҳе, ки инсон бояд озод бошад, нарасидааст. Яъне, озодии инсон бо гузашти марҳилаҳои таърихӣ ва баланд шудани маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ инкишоф ёфта, ба сатҳи олӣ расидааст. Инсон бо доштани шуури воломақоми худ аз дигар махлуқот фарқ мекунад. То баланд шудани маърифати инсон ва шуури ҳуқуқии ӯ дар бештари давлатҳои ҷаҳон ҳолатҳое мавҷуд буданд, ки нисбати озодии инсон таҳдид намуда, озодии инсонро бо ҳар васила маҳдуд месохтанд. Дар асри 6 аҳолии давлати Франкҳо вобаста ба вазъи ҳуқуқиашон ба табақаҳо, яъне франкҳои озод, литҳои нимозод ва ғуломон тақсимбандӣ шуда буданд, ки ин тафриқабандӣ боиси маҳдуд шудани озодиҳои қабилаҳои поёнӣ аз ҷониби табақаҳои болоӣ мешуд.

Қисми таркибии ҳуқуқҳои фитрии (табиии) инсонро ин озодӣ ташкил медиҳад. Аз нуқтаи назари мактаби ҳуқуқии табиӣ озодии инсон характери фитрӣ дорад, ки аз табиати биологӣ ва иҷтимоии инсон ба вуҷуд омада, ӯро водор месозад, ки мувофиқи салоҳдиди худ амал намояд. Дар сатҳи байналмилалӣ аввалин санади ҳуқуқие, ки озодии инсонро муайян намуд, ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад, ки дар моддаи 1-уми он чунин омадааст: «Тамоми одамон озод ва аз нигоҳи шаъну шараф ва ҳуқуқҳо баробар ба дунё меоянд. Ҳамаи онҳо ақлу виҷдон доранд ва бояд нисбат ба ҳамдигар бародарвор муносибат кунанд».

Дар Сарқонун моддаи 1, қисми 2 чунин муқаррарот ҷой дорад: Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Гузашта аз ин, дар моддаи 24 озодии мусофират ва интихоби маҳалли зист, моддаи 26 озодии муносибати инсонро нисбати дин ва интихоби ҳар як дини алоҳида ва дар моддаи 30 бошад, озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахборро кафолат додааст, ки ин инъикоскунандаи шаклҳои ифодаёбии озодиҳои инсонро ташкил медиҳад.

Асоси ҳуқуқ ба озодиро ирода ё озодии ирода ташкил медиҳад. Ирода бошад, ин қобилияти интихоби фаъолият ва кӯшиши ҷидду ҷаҳди ботинӣ барои амалӣ намудани ин фаъолият мебошад.

Ҳуқуқ ба озодии шахс маънии онро дорад, ки шахс ҳаёт ва зиндагии худро мустақилона муайян намояд. «Озодӣ ин худмуайянкунии шахс имконияти бе ягон маҷбурсозӣ дар доираи салоҳияти худ амал кардан мебошад».

Озодиро набояд васеъ фаҳмид, зеро ҳар як намуди алоҳидаи озодӣ доираи амали худро дорад, ва дар ҳолати берун баромадан аз меъёри он давлат боз маҳдудиятҳоро муайян месозад. Аз назарияи ҳуқуқи инсон ба мо маълум аст, ки ҳуқуқҳои инсон вобаста ба характери маҳдудшавиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҳуқуқҳои нисбӣ ва ҳуқуқҳои мутлақ. Яъне, тамоми он ҳуқуқу озодиҳое, ки мутааллиқи гурӯҳи якум мебошанд, давлат метавонад, дар ҳолатҳои зарурӣ ба хотири манфиати аҳолӣ, ҷамъият ва давлат онҳоро маҳдуд намояд. Ду намуди ҳуқуқ, яъне ҳуқуқ ба озодӣ аз ғуломӣ ва ҳуқук ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар муносибати ғайриинсонӣ, ки хоси гурӯҳи дуюм, яъне ҳуқуқҳои мутлақ ҳастанд, дар ҳар мавриd маҳдуднашаванда мебошанд.

Озодии сухан, ки дар шаклҳои гуногун ифода меёбад, бояд бо тарзҳои қонунӣ сурат гирад. Озодии сухан набояд ба ташвиқу тарғиби ҷанг, ташвиқу тарғиби бо роҳи зурӣ сарнагун кардани ҳокимияти давлатӣ ва ташвиқу тарғиби бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ забонӣ ва тухмату таҳқир равона шуда бошад. Дар ҳолати ҷой доштани чунин мақсад аз ҷониби давлат маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон омалӣ мешавад.

Озодӣ ҳам бояд ҳадду ҳудуд дошта бошад. Дар ҳолати мувофиқи қонун истифода намудани он мо метавонем, ҷомеаи воқеан ҳуқуқбунёдро созем. Озодӣ бояд дар чорчӯбаи қонун амалӣ шавад ва дар ҳолати баромадан аз ҳадди салоҳдиди он метавонад ба ҷамъият ва давлат зарар оварад. Ба фикри ман озодӣ ин риояи қонунҳо ва итоат кардан ба онҳо мебошад. Чуноне ки бузурге фармудааст:

Озодии инсон ба ҳар мазмун аст,
Озод касест, бандаи қонун аст.

**Шарифов Манучеҳр**
**донишҷӯи соли 3-юм**



**Наврӯз расид накҳати гул меояд,**
**Аз тарфи чаман садои мул меояд.**
**Густурда баҳор чодари нақшу нигор,**
**Наврӯзи ватан барои кул меояд.**

**Наврӯзи ватан ҳусни гуворо дорад ,**
**Бар ҳар хонадон хайру сафо меорад.**
**Бикшо дари хеш, дамидани субҳ нигар,**
**Файзу баракат ба хонадон меборад.**

**Аз кӯҳу даман ҳавои наврӯз расид,**
**Аз нолаи най садои дилсӯз расид.**
**Наврӯзи аҷам бод муборак ба ватан!**
**Фархундақадам рӯзи дилафрӯз расид.**

**Наврӯз биё, ки ҳама пазмони туем,**
**Муштоқ ба бӯи лола, райҳони туем.**
**Товуссифат ҳусни ту зебост аҷаб,**
**Мо ошиқи сабза, чаманистони туем.**

**Дӯстон тантанаи фасли баҳор меояд,**
**Бо ҳама ғул-ғулаву савти хазор меояд.**
**Шодиву базму тараб мерасад то авҷи фалак**
**Иди наврӯз ба ин аҷамдиёр меояд.**

**Муждаи фасли баҳор мерасад аз сумалак,**
**Маззаи шаҳди барот дар дили шаб меояд**
**Модарон шаб то саҳар тоб бидодан сумалак,**
**Авҷи шодиву суруд субҳи тараб меояд.**

**Мирзоев Нусратулло**
**донишҷӯи соли 1-ум**

## Таъзия

**Коллективи устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ аз марги нобаҳангоми журналисти шинохта, дотсенти кафедраи матбуоти ДМТ**

**ПАЙВАНДИ ГУЛМУРОДЗОДА**

**сахт андӯҳгин буда, ба аҳли оилаи он кас сабри ҷамил хоҳонанд.**


ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД
МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС
НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ №2 (2) 17 АПРЕЛИ СОЛИ 2013, ЧОРШАНБЕ

**МУАССИС:**
**ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ**

Сармуҳаррир:
**Саъдӣ Маҳдӣ**
saadi_mahdi@mail.ru

**Тарроҳ:**
**Беҳзоди Исомиддин**



**Ҳайати таҳририя:**

Насурдинов Э. С. дотсент декани факултети ҳуқукшиносӣ;
Идиев Ф.Ф. муовини декан оид ба таълим; ҷон. сармуҳаррир;
Сафаров Б.А. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқукшиносии муқоисавӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ;
Ҷаҳонгир С. ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқукшиносии муқоисавӣ .

**Ҳайати мушовара:**

Саидов Н. С. Вазири маорифи ҶТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т .профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудов М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;
Асозода Х. профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форси тоҷикии факултети филологияи тоҷик;
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.



Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-867, 988-98-31-98 Теъдод: 1000 нусха.